**Ба Шӯрои диссертатсионии 6.КОА-062 назди Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода 30)**
**E-mail: rajabova@rambler.ru**

**ТАКРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит дар мавзуи: «Хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ.

Мавзуи диссертатсияи Абдуҳамитзода А.А., дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва саривақти мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки вазъи кунунии рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дорад. Дараҷаи пасти сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба назари мо, сабаби асосии иҷро нагардидани стратегияи рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, рушди инноватсионии минтақаҳои ҷумҳурӣ самти афзалиятноки сиёсати инноватсионии кишвар гардад. Дар маҷмӯъ, иқтисодиёти кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии пешрафта, ки ба инноватсия нигаронида шудаанд, системаи муносибатҳои илм, истеҳсолот ва ҷомеаро ташкил медиҳанд, ки дар он инноватсия асоси рушди саноат ва иқтисодиёт хизмат мекунад ва дар навбати худ ба инкишофи инноватсионӣ мусоидат намуда, самтҳои он ва бо ҳамин самтҳои муҳимтарини фаъолияти илмиро муайян мекунанд.

Мо бо андешаи муалиф рози хастем, ки дар ягон кишвар бе низоми густурдаи дастгирии давлатӣ ғояҳои инноватсионӣ мавриди амал қарор гирифта наметавонанд. Ба хусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зеро корхонаҳои саноатии хурд ва миёна ва хоҷагиҳои инфиродии кишоварзӣ воситаҳои молиявие надоранд, ки барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ғояҳои инноватсионӣ, технологияи нав басанда бошад.

Аз ҷониби муаллиф қайдкарда шудааст, ки методологияи муайян намудани самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ қобили қабул нест, зеро навовариҳои идоракунӣ, ба монанди тағйир додани сохтори ташкилии корхонаҳо, ҳамгироии онҳо, усулҳои нави идоракунии фаъолияти кадрҳо, беҳтар намудани сифати маҳсулот, маркетинг ва дигар амалӣ мегарданд, ки онҳоро бо як нишондиҳанда баҳо дода намешавад (саҳ. 12).

Мо бо муаллиф рози мебошем, ки сабаби асосии иҷро нашудани индикатори СМР-2030 доир ба маблағгузории соҳаи илм дар он аст, ки дар минтақаҳо сохтори алоҳидаи бевосита ба ин масъала машғул таъсис дода нашудааст. Ин масъала ба корхонаҳо ва муассисаҳо ҳавола карда шудаанд, ки натавонистанд нишондиҳандаҳои маблағгузории соҳаи илмро то сатҳи СМР-2030 расонанд (саҳ. 25).

Муаллиф дуруст кайд менамояд, ки яке аз нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сиёсати инноватсионӣ шумораи кормандони соҳаи илм ва техника ба ҳисоб мервад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ин нишондиҳанда дар минтақаи зери таҳқиқот қароргирифта тамоюли пастравӣ дорад.

Дар баробари ба даст овардани натиҷаҳои хуби илмӣ, як қатор камбудиҳо низ ба чашм мерасанд. Аз он ҷумла, хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ.

Аммо хатогиҳои дар боло кайд карда шуда баҳои умуми таҳқиқоти автореферати диссертатсиониро паст намекунад ва ба сифати кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферат ва рӯйхати мақолаҳои кори илмии Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит тасдиқ менамоянд, ки диссертатсия кори илми-таҳқиқотии пурра анҷомёфта, ки мустақилона дар сатҳи баланд иҷро карда шуда мебошад. Кори илмии тақризшаванда, ба талаботи навиштани корҳои илми диссертатсиони мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани кори илмӣ ба даст оварда шудаанд саривақти ва асоснок мебошанд. Кори диссертатсионии тақризшаванда ба ҳамаи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он Абдуҳамитзода Асрор Абдуҳамит сазовори унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 идоракунии иноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктор PhD, дотсенти кафедраи баҳисобгрии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Исмоилзода Фируз Маҳмадӣ**

**Суроға:**
734055 Ҷуҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кучаи Деҳотӣ ½, Телефон: (+992)938854646; E-mail:ashurov1990tguk@mail.ru

Дурустии имзои Исмоилзода Ф.М. тасдиқ менамоям.
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.
“__7__” ___09___2026